# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035 - и**
**назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии**
**ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Комиссияи ташхис дар ҳайати доктори илмҳои таърих, профессор Р.Абулҳаев, доктори илмҳои таърих М. Иброҳимов ва доктори илмҳои таърих С. Бобомуллоев бо таҳқиқоти диссертатсионии Султонзода Беҳзод Султонӣ дар мавзӯи “Лашкардории Аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX-ибтидои асри XX)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) шинос шуда, хулосаи зеринро пешниҳод мекунад.

Рисолаи номзадии Султонзода Беҳзод Султонӣ дар мавзӯи “Лашкардории Аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX-ибтидои асри XX)”, ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мустақилона ва комил буда, ба талаботи таъйиншуда нисбат ба рисолаҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мувофиқ аст. Дар рисолаи мазкур масоили омӯзиши маҷмӯии вазъи лашкар ва таъминоти ҳарбии аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ дар заминаи маводи Бойгонии марказии давлатии ҷумҳурии Ӯзбекистон ва осори муаллифони маҳаллӣ, аз қабили Мирзо Бадеъи Девон, Аҳмади Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ, Мирзо Салимбек, Садри Зиёи Бухорӣ, Садриддин Айнӣ, Абдурауф Фитрат, Мир Муҳаммад Сиддиқи Ҳашмат - писари амир Музаффар, Муҳаммад Сайиди Балҷувонӣ, Мир Муҳаммад Амини Бухорӣ, Муҳаммад Юсуфи Мuнши, Муҳаммадвафои Карминагӣ, Олимбек ибни Ниёзқулибек, Бақохоҷа писари Ҳамидхоҷа, Мулло Абдурраҳмон Тамкини Бухорӣ, Муъин, Олимхоҷа ибни Мирзо Сайид

Хоҷа Мушрифи Бухороӣ, Хоҷа Самандари Тирмизӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Султонзода Беҳзод Султонӣ воқеан ба масъалаи бисёр муҳимми таърихи халқи тоҷик бахшида шуда, дар кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон омода гардидааст.

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки таъсиси ҳар давлат бо мавҷудияти лашкар иртиботи ногусастанӣ дорад. Лашкар, ҳамон тавре ки дар саҳифаҳои таърих мушаххас аст, яке аз сифатҳои азалии муайянкунандаи давлат, муҳимтарин бахши дастгоҳи идорӣ, мудофеъ ва пуштибони он аз хатарҳои дохилӣ ва хориҷӣ маҳсуб мешавад. Дар ҳар ҷомеаи табақотӣ лашкар як вижагии органикии давлат ва абзоре барои татбиқи сиёсати он аст. Дар дарозои таърих лашкари ҳар давлат дорои шаклҳои хоси созмондеҳӣ, равишҳои мудирият, таъминот ва усулҳои омӯзиши мушаххасе мебошад. Таҳқиқ ва омӯзиши ин рукни давлатдорӣ, яъне лашкар, усулҳои созмондиҳӣ ва мудирияти он дар давраҳои пасини феодалӣ дар аморати Бухоро аз аҳаммияти муҳимми илмӣ ва омӯзишӣ бархӯрдор аст.

Масъалаи унвон, дараҷаҳои ҳарбӣ ва ӯҳдадориҳои соҳибони он, таъмини моддии сарбозон тибқи анъана ва навовариҳо, ҳаёти моддӣ-маишии онҳо низ омӯзиши хоса ва умдаеро талаб мекунад. Доир ба ин масъала муаллиф бозҷусти илмӣ бурда, ба ҳалли бархе масъалаҳои лашкар ва таъмини моддии он дар аморати Бухоро алоҳида таваҷҷуҳ намудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, интишороти илмӣ, ки бо саҳми бевоситаи ӯ омода карда шудаанд, инчунин бо маърӯзаҳо дар семинарҳо ва конференсияҳои илмӣ-амалии гуногун тасдиқ карда мешавад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Ҳадафи асосии таҳқиқоти илмӣ омӯзиши вазъи лашкар ва таъминоти ҳарбии аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ маҳсуб меёбад.

**Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, диссертант дар назди худ вазифаҳои зерин мегузорад:**

- Тавсифи чараёни истилои бархе аз мулкҳои аморати Бухоро аз тарафи Россияи подшоҳӣ (солҳои 1865 - 1868);
- Таҳлили маъхаз, маълумоти бойгонӣ ва адабиёти илмӣ роҷеъ ба авзои сиёсӣ ва ҳарбии аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ
- Таҳқиқи масъалаҳо доир ба ташкили лашкари муназзам дар аморати Бухоро;
- Муайян намудани анъана ва навовариҳо дар умури лашкардории аморати Бухоро;
- Тавсифи вазифа, унвонҳои ҳарбӣ, рутба ва уҳдадориҳои ҳарбиёни аморати Бухоро;
- Омӯзиши тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ.

**Навгонии илмии таҳқиқот** пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст мавзӯи илмии мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври умумӣ ва ҳарҷониба баррасӣ ва таҳқиқ мешавад. Навоварии таҳқиқот мушаххастар ба тариқи зайл нишон дода мешавад:

1.Дар иртибот бо омӯзиши ин мавзӯъ доир ба афкори ҳарбӣ ва низомии халқи тоҷик дар замони мавҷудияти аморати Бухоро, идора ва сохтори он, унвон ва амалҳои ҳарбӣ фикр ва мулоҳизаҳо баён шудаанд.

2.Мақом ва иштироки мардуми тоҷикзабон дар воқеаҳои сиёсии давр, вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат, ҳаёти фарҳангии кишвар нишон дода шудааст.

3.Дар диссертатсия бо истифода аз маълумоти маъхазҳои хаттӣ, бойгонӣ, ахбори мухталифи таҳқиқот ва асарҳои муаллифони гуногун ба таври васеъ лашкар, қоидаҳои низоми ҳарбӣ ва таъминоти ҳарбии

аморати Бухоро дар иртибот бо ҳолат, идора ва анъанаҳо омӯхта шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Диссертатсия дорои аҳамияти илмии назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон ҷиҳати инъикоси таърихи сиёсӣ ва ҳарбии аморати Бухоро дар замони протекторати Россияи подшоҳӣ кӯмаки воқеӣ расонанд. Аз маводи дар диссертатсия овардашуда аз натиҷа ва хулосаҳои он метавон дар мавриди таҳия ва хондани маърузаҳо, гузаштани дарсҳои амалӣ ва семинарҳо, корҳои мустақилонаи донишҷӯён, навиштани диссертатсия ва монографияҳо, китобҳои дарсӣ, услубӣ ба таври васеъ истифода намуд.

Мазмуни асосии рисола дар мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии ба феҳристи маҷаллаҳои такризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ шомилбуда ба табъ расидаанд, таҷассум ёфтааст.

Рисолаи номзадии Султонзода Беҳзод Султонӣ “Лашкардории Аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX-ибтидои асри XX)” аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш ба талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ мувофиқ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мутобиқ ба ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) тавсия карда мешавад.

**Вобаста ба масъалаҳои зикршуда комиссия ба чунин қарор омад:**
1.Рисолаи номзадии унвонҷӯ Султонзода Беҳзод Султонӣ “Лашкардории Аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX-ибтидои асри XX)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) тавсия дода шавад.
2.Ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод шаванд:

А) **Аюбов Абдусалом Рауфович** – доктори илмҳои таърих, мудири кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров.

Б) **Раҳматова Зарина Юнусовна** – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон.

3. **Донишгохи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** ба ҳайси муассисаи пешбар таъйин карда шавад.

**4.**Ба нашри автореферати диссертатсия ба микдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

**5.**Барои ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
**доктори илмҳои таърих** **Абулҳаев Р.**
**Аъзои комиссияи ташхис:**
**доктори илмҳои таърих** **Иброҳимов М.Ф.**
**доктори илмҳои таърих** **Бобомуллоев С.Ғ.**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Институти таърих, бостоншиносӣ**
**ва мардумшиносии ба номи**
**А. Дониши АМИТ** **Файзуллоева Г.**

24. 11. 2022.